Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 045 дар назди МДТ - и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (ш. Хуҷанд, кучаи Мавлонбеков, 1)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи «Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)**

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки иқтидори хизматрасонии муассиса васеъ гардида, ҳамкорӣ бо тамоюлҳои пешрафтаи ҷаҳонии соҳаи маориф роҳандозӣ шавад. Раванди мушоҳидашудаи ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти олӣ барои сертификатсия ва аккредитатсияи байналмилалӣ, таъмини ҳаракати байналмилалии донишҷӯён ва омӯзгорон, истифодаи технологияҳои байналмилалии барномаҳои таълимӣ, технологияҳо ва ғайра шароит фароҳам оварда шавад.

Низоми таълими фосилавӣ маҷмуи воситаҳои ташкилӣ, таълимӣ, методӣ ва таҷҳизотҳоест, ки таълимро, аз ҷумла берун аз муассисаи таълимӣ таъмин менамояд. Мафҳуми низоми таълими фосилавӣ системаи таълимест, ки ба телекоммуникатсияи компютерӣ бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ асос ёфтааст. Таълими фосилавӣ барои Тоҷикистон аз сабаби мутамарказ ҷойгир будани донишгоҳ ва донишкадаҳо ва кадрҳои соҳибихтисос дар шаҳрҳои калон махсусан муҳим аст. Дар ин ҷода, таъмини амнияти иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ яке аз мушкилоти муҳими низоми маорифи кишвар ба шумор меравад ва моҳияту мубрамии интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсияро муайян менамояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлили ҳамаҷонибаи таснифи равишхо ва татбиқи системаҳои таълими фосилавӣ, системаҳои амнияти иттилоотӣ, таҳияи воситаҳои инструментали ва амсилаи арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии НТФ, системаи нишондиҳандаҳо ва алгоритмҳои муайян намудани самаранокии таълим ва самаранокии иқтисодии фаъолияти НТФ, амнияти иттилоотии НТФ, амсилаи эконометрикии арзёбии амнияти захираҳои иттилоотии НТФ тавассути арзёбии эҳтимолии таҳдид, татбиқи амалии воситаҳои инструменталӣ ва алгоритмӣ баҳодиҳии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии НТФ - ро ба пуррагӣ фаро гирифтааст.

Муаллиф таҳқиқоти диссертатсиониро бо назардошт ва риояи меъёрҳои методологияи илмӣ ба анҷом расонидааст, ки дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати авторефератро баланд менамоянд:

1. Тавсияҳое, ки дар автореферат барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудааст, таҳрирталаб мебошад.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат барномаҳое, ки дар таълими фосилавӣ дар истифода қарор доранд инъикос мегардиданд.

3. Дар саҳифаи 4 - уми автореферат ному насаби олимони ватанӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини амнияти захираҳои иттилоотӣ ва воситаҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ ва баҳодиҳии онҳо зикр гардида, дар матни он фикру андешаи онҳо доир ба мавзуъ кам ба назар мерасад.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда, нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Абдуллоев Акмал Абдуҷабборович дар мавзуи «Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ», ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методхои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru
Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.